**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои физика-математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ
_______ Абдулло Ҳабибулло
«5» июли соли 2018

**Хулосаи**

ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраи педагогика, забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он ва илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз тарафи Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадович дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар рафти омода кардани рисола унвонҷӯ Мирзоев Ш. С. дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба сифати ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва методикаи таълими он кор карда истодааст.

Соли 2012 Мирзоев Ш. С. факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлобро аз рӯйи ихтисоси «муаллими забони англисӣ» бо дипломи аъло ва соли 2017 шуъбаи ғоибонаи факултети иқтисодии ДДК-ро аз рӯи ихтисоси «иқтисод ва идора дар корхона» хатм намуд. Аълочии маориф ва илми ҶТ мебошад.

Мирзоев Ш. С. имтиҳонҳои ҳадди ақали номзадиро супорида ба чунин натиҷаҳо ноил гардид: «таърих ва фалсафаи илм» шаҳодатномаи №28 аз 19.05.2017 (хуб); «забони олмонӣ» шаҳодатномаи №113 аз 25 июни 2018 (аъло). Роҳбари илмӣ - Ҷумъахон Алимӣ, Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

Дар натиҷаи муҳокима чунин ХУЛОСА қабул карда шуд:

Аҳамияти пажӯҳиш бо баланд бардоштани сатҳи дастгирии компютерии таълими забони англисӣ барои хонандагони синни хурди мактабӣ вобастагӣ дорад.

Имрӯз дар Тоҷикистон ба мушкилоти иттилоотикунонӣ ҳамчун самти асосии навсозии низоми таҳсилот, ки мушкилоти асосии стратегияи рушди тамаддун арзёбӣ мегардад, торафт диққати бештар дода мешавад. Марбут ба ин, дар солҳои истиқлолият дар доираи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилот як қатор барномаҳо, қонунҳо ва консепсияҳои давлатӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла:

1. Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015;

2. Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли 2003, № 1174 ба тасвиб расидааст;

3. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 декабри соли 2004, №468 тасдиқ гардидааст;

4. Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Дар сатҳи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мувофиқи мақсад будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо мақсади беҳтар кардани самаранокии таълими забони хориҷиро омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён овардаанд. Давраи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмингардонии омодагии насли наврасро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, ба вуҷуд овардани қобилияти инсонро барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад.

Ҳамзамон, ба ҷомеа шаҳрвандони баландмаърифати дорои сатҳи баланди дониши забони хориҷӣ лозиманд. Маълум гардид, ки ҳанӯз дар мактаби ибтидоӣ масъалаи дар хонандагон бунёд гузоштани салоҳияти маъмули коммуникативӣ дар забони дигар ба мадди аввал гузошта мешавад. Салоҳияти мазкур барои таъмини иҷтимоигардонии хонандагони

синфҳои поёнӣ, мутобиқшавӣ ба фазои мураккаб ва бисёрзабонии иттилоотӣ таъйин карда шудааст.

Натиҷаи саривақтӣ будан ва аҳамияти фавқулодаи ҷанбаҳои мазкури иҷтимоӣ барои низоми таҳсилот муттаҳидии талаботи созгор дар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон замони начандон дур мебошад. Аз ҷумла зарурати омодасозии мактаббачагони хурдсол барои истифодаи фаъолонаи асбобҳои нутқ ва технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ҷиҳати ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ зикр карда мешавад. Дар баробари ин барномаҳои таълимии ҳама субъектҳои мактаби ибтидоӣ бояд ба ин талабот ҷавобгӯ бошанд: танҳо дар чунин ҳолат хонандагон таҷрибаи кор бо субъектҳои гипермедиаро ба даст меоранд. Машқ додани хонандагони хурдсол оид ба роҳҳои гуногуни ҷустуҷӯ, ҷамъ овардан, таҳлил кардан, ташкил намудан, интиқол додан ва тафсир кардани иттилоот оид ба вазифаҳои коммуникативӣ ва маърифатӣ ва технологияҳои субъектҳо мувофиқи мақсад аст.

Дар маҷмӯъ, зикр бояд кард, ки раванди таълими забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоиро аз мавқеи баланд бардоштани истеҳсолнокии он дар асоси истифодаи дастгирии комилан коркардшуда, муносиб, тавъам (ҷиҳати дастрас ва сарфакорона будан) таҷдиди назар кардан мувофиқи мақсад аст. Тавре ки манбаъҳо нишон медиҳанд, мушкилоти мазкур аз ҳалли мусбат ҳанӯз дур аст, бинобар ин пураҳамият мебошад ва аз лиҳози илмӣ ба такомулдиҳӣ ниёз дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз инҳо иборат аст:

- ба таври далелнок нишон дода шудааст, ки зарурати татбиқи низоми таълими мактаббачагони хурдсол бо истифодаи компютер муҳим мебошад;

- нишон дода шудааст, ки истифодаи барномаҳои компютерии маърифатӣ мувофиқи супоришҳои дидактикӣ ба афзоиши фаъолият, мустақилият, шавқи маърифатандӯзӣ, сифати дониши бадастовардаи хонандагони хурдсоли мактаб мусоидат мекунад;

- мундариҷа, сохтор, роҳҳои имконпазири созмондиҳии низоми маҷмӯии таълим аз лиҳози назариявӣ муайян ва асоснок карда шуданд;

- дар замима ба қаринаи махсуси таҳсилот хусусиятҳои муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ забони хориҷӣ - таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ пешниҳод карда шуда буд;

- низоми интегративии векторҳои асосӣ, аз як тараф, марбут бо таълими забони хориҷӣ (вектори робита), аз дигар тараф, марбут бо ташаккули саводнокии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (вектори иттилоотӣ)-и мактаббачагони синни хурд, барои мактаби ибтидоӣ исбот карда шуд;

- дар асоси илмӣ тартиботи интихоб ва ташкили дастгирии компютерии рафти таълими забонҳои хориҷӣ дар синфҳои ибтидоӣ гузаронда шуд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот:

- бузургиҳои муҳити иттилоотӣ-таҳсилотии мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, ки ба омӯзиши хусусиятҳои мактаби таҳсилоти ибтидоӣ дар марҳалаи имрӯзаи такомулёбии он мусоидат мекунанд, муайян карда шудаанд;

- муқаррароти мундариҷавӣ ва бо мақсади таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд;

- тартиботи ташкил ва интихоби барномаҳои таълими кампютерӣ оид ба дастгирии раванди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мушаххас карда шуданд;

- маҷмӯи принсипҳо, усулҳо ва тарзҳои дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот - коркарди дастгирии компютерии КТМ А. Саидов «Забони англисӣ» (синфи 3), А. Саидов, З. Расулова «Забони англисӣ» (синфи 4) барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки бо консепсия ва мантиқи низоми мазкур муттаҳид гардонда шудааст; низоми дастгирии компютерии коркардшуда метавонад барои коркарди чунин низомҳо ҳамчун намуна хидмат кунад: а) барои марҳалаҳои таълими забони англисӣ, б) барои дигар КТМ-ҳо, в) барои таълими дигар забонҳои хориҷӣ.

**Нуктаҳое, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

1. Самаранокии таълими забони англисӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути сифати муҳити берунаи иттилоотӣ-таҳсилотӣ, ки низоми бисёрсоҳаи пурраю мукаммал, кушода, муътамад, дастраси интерактивӣ мебошад, таъмин карда шудааст, ки: а) маҷмӯи иттилоот ва мусоидати техникию таҳсилотиро вобаста ба вақту замон инъикос мекунад; б) ҳаҷму андозаҳои ҳадафмандона, бисёрсубъективият, вобастагиҳои синнусолӣ ва инфиродӣ, тамаркуз ба мустақилияти хонандагон; в) мутобиқи усулҳои таълим метавонад самаранокии омӯзиши забони англисиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ афзоиш диҳад; г) сохтори мураккаб (модули муташаккил) вобаста ба омӯзиши забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

2. Муҳити иттилоотӣ - таҳсилотӣ, ки забони англисиро фаро мегирад, шарту шароитҳоро барои ҳамоиши тамоюлҳои ҳадафмандона ба фазои ягона таъмин мекунад, ки бо ташаккули салоҳиятнокии маъмулии коммуникатсионӣ аз як ҷониб, алоқаманд буда, аз ҷониби дигар, саводнокии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста аст, ки дараҷаи маъмулии идоракунии иттилоотиро тавассути технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ таъмин мекунад.

3. Мусоидати компютерӣ, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагонро оид ба азхудкунии забони англисӣ ҳамсафарӣ мекунад, ҷузъи таркибии муҳити иттилоотӣ - таҳсилотӣ мебошад. Афзоиши ангезиши баланд ва самаранокии раванди таълимро таъмин карда, мусоидати компютерӣ ба ташаккули ҷузъҳои салоҳиятнокии маъмулии коммуникатсионӣ нигаронида шудааст.

4. Интихоб аз рӯйи муҳимияти маҷмӯи усулҳо (мутобиқати мазмуни таҳсилоти ибтидоии умумӣ), таъмини ташаккули ҷузъҳои салоҳиятнокии маъмулии коммуникатсионӣ, мутобиқати шавқу завқ ва манфиатмандиҳои хонандагони хурдсол, мутобиқати талаботҳо ба воситаҳои компютерии таълим. Барномаҳои таълимии компютерӣ мутобиқи консепсияи китобҳои дарсию таълимӣ барои забонҳои хориҷӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ки субъектҳои фаъоли раванди интихоб ва истифодаи барномаҳои компютерии таълимӣ мебошанд.

5. Самаранокии истифодаи компютер дар дарсҳои забони англисӣ вобаста ба усулҳои умумии демократӣ ва методӣ буда, ҳамчунин бо усулҳои инфиродии мусоидат ва дастгирӣ, тамоюл ба предмет ва фаровонӣ мебошанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар он аст, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани тадқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконияти таъмини дастгирии компютериро дар ташаккули донишу малака ва маҳоратҳои азхудкунии забони хориҷӣ муайян намуд: бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи воситаҳои технологиро дар таъмини муҳити омӯзишӣ ва самаранокии азхудкунии забони англисӣ муқаррар намуд.

Ҳамчунин унвонҷӯ дар рафти тадқиқот аз 18-01-2016 то 18-03-2016 тариқи лоиҳаи ITEC-и сафоратхонаи Ҷумҳурии Ҳиндустон барои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба шаҳри Чандигархӣ Ҳиндустон сафар намуда, тӯли 3-моҳ дар коллеҷи байналмилалии CDAC-и Ҷумҳурии Ҳиндустон таҳсили илм намудааст.

Мирзоев Ш.С вобаста ба диссертатсияи худ 9-мақолаи илмӣ, ки 4-тои онҳо дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, ба табъ расонидааст. Инчунин муаллифи монография, дастурҳои илмӣ-таълимӣ ва методӣ (“Ибтидои фонетикаи забони англисӣ”-дастури амали таълимӣ. “Промэкспо” 2016. – 72 с.; “Методикаи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ”-дастури илмӣ-методӣ. “Дурахшон” 2019. – 102 с.; “Луғати мусаввара бо машғулятҳои компютерӣ” - дастури таълимӣ. “Дурахшон” 2019. - 136 с.;
“Tracing practice for kids” – (дастури таълимӣ). “Пайванд” 2019. - 40с.) мебошад.

Бояд қайд намуд, ки мазмун ва муҳтавои автореферат нуқтаҳои асосии диссертатсия ва натиҷаю хулосаҳои онро инъикор карда, пурра ба худи тадқиқоти диссертатсионӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадович таҳти унвони «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ба даст овардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.02 назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраи педагогика, забонҳои хориҷӣ ва методакаи талими он ва илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул шудааст.
Дар овоздиҳӣ 18 нафар иштирок карданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 18 нафар, «зид»- нест, «бетараф»- нест. Суратҷаласаи №6 аз 05-июли 2018.

Раисикунанда:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиб:
Номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калон: Давлатов Э.А

имзоҳои профессор Изатова М.И ва
номзади илмҳои филологӣ
Давлатов Э.А-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Давлатов М.А